Ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA – 12 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мӯминова Нигина Равшановна ба диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

## 1. Мубрамияти мавзӯи диссертатсия

Дар замони муосир шуғли пурмаҳсул унсури муҳими рушди иқтисоди бозорӣ буда, қонуният ва хусусиятҳои рушди он бо механизмҳои бозории хоҷагидорӣ алоқаманд мебошад. Маҳз механизми бозорӣ низоми табии мунназим, ҳамоҳангсози рушд, амалигардонӣ ва тағйирпазирии бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар шароити рақобатпазирии бозори меҳнат шуғли пурмаҳсул – ин шакли шуғли аҳолиест, ки аз ҳисоби меҳнати пурмаҳсул барои рушди ҷомеа захираҳо бунёд карда барои ҳар корманд даромад меорад, ки барои такрористеҳсоли қувваи корӣ басанда мебошад. Шуғли пурмаҳсул барои ҳар фарди ҷомеа, аз ҷумла нафақахӯрон, кӯдакон, маъюбон, бекорон, донишҷӯёну хонандагон бо даромади кифоятӣ, инчунин хароҷотҳои гуногуни давлатӣ барои инкишофи муътадили ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад.

## 2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Мавриди зикр аст, ки диссертатсияи Назарзода Н. Н., ба яке аз масъалаҳои мубрами бозори меҳнат бахшида шуда мазмун, миндариҷа, навгониҳои илмӣ ва пешниҳоду хулосаҳои он ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:

- Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).

- Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).
- Масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ.
- Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда

Рисолаи диссертатсионии Назарзода Н. Н. маҷмӯи натиҷаҳо ва муқаррароти нав, инчунин тавсияҳои методӣ ва тадбиқро дар бар мегирад, ки он дар навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва коркарди Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, тадбирҳои байнисоҳавӣ, ки ба рушди иқтидори миллии арзёбӣ ва пешгӯии бозори меҳнат равона мегарданд, андешида шуда баҳри пешбурди корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ такони нав медиҳанд. Ҷанбаҳои муҳим ва ҷолиби кори илмии тақризшаванда аз инҳо иборатанд:

- муҳтавои асосии шуғли пурмаҳсул дар доираи бозори меҳнат, ки он на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ, инчунин аз "нигоҳи иқтисодӣ" ба корманд имконияти манфиати шахсии худро татбиқ намудан, навовариҳои илму техникиро дар фаъолияти хеш истифода бурдан, барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат ва музди корӣ муносиб муваффақ шуданро, ки ба такрористеҳсолии муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он мусоидат менамояд, асоснок кунонида шудааст;

- низоми нишондиҳандаҳои иқтисодию оморӣ барои арзёбии миқдорӣ, тавсифи амиқ ва ҳамаҷонибаи шуғли устувори пурмаҳсул аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст. Тавассути нишондиҳандаҳои мазкур, иқтидори иқтисодӣ, ғунҷоиши бозори меҳнат ва дараҷаи ҷалби аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзёбӣ карда шудаанд;

- барои муайян кардани сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул, тавассути истифодаи усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ, таҳкимии ҳолати ҳар нишондиҳандаи тавсифкунанда барои давраҳои муайяни таҳлилӣ, яъне рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли устувори пурмаҳсул муайян карда шудааст;

- муаллиф асоснок кардааст, ки дар ҳолати таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар, талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ муътадилан афзуда, дараҷаи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт зиёд мегардад, ки ин ҳолат ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ ва рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар кишвар сабаб шуда метавонад;

- тағйироти сохтории аҳолии машғул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт масъалаи муҳими шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб рафта динамикаи он аз ҷониби муаллиф арзёбӣ карда шудааст. Зимнан сохтори шуғл ҳамчун вазни қиёсӣ ё ҳиссаи аҳолии машғул дар ҳар соҳа ва бахшҳои иқтисодиёт аз маҷмӯи умумии машғул будагон муайян карда шудааст;

- ҷиҳати муқаррар кардани алоқа ва таъсиррасонии омилҳои асосӣ ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, муаллиф тамсилаи иқтисодию омориро вобаста аз нишондиҳандаҳои омилҳои асосии таъсиррасон тавассути коэффитсиентҳо таҳия гардидааст. Андозаи таъсиррасонии омилҳои таҳияшуда ба нишондиҳандаи сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, тавассути истифодаи усули низоми шохисӣ (индексӣ) ба субот расонида шудааст;

- аз ҷониби муаллиф бо ёрии моделсозии математикӣ дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия карда шудааст.

Нуқтаҳое, ки аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз чунинҳо иборатанд:

- муҳтаво ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул шарҳ дода шудааст;

- низоми нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул тавсиф дода шудааст;

- динамикаи тағйироти маҷмӯи сохтории шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт тавассути истифодаи коэффитсиенти хатти пешравии

мутлақ, коэффитсиенти квадратии пешравии сохтории мутлақ, шохиси тавофут, коэффитсиенти Гатева ва индекси Салаи арзёбӣ карда шудааст;

- дараҷаи рушди шуғли устувори пурмаҳсул тавассути истифодаи усули бисёрченаи муқоисавӣ андозагирӣ карда шудааст;

- натиҷаи таҳлили ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳиш ефтани муҳоҷирати меҳнатии беруна арзёбӣ шудааст;

- тамсилаи омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул бо назардошти омилҳои таъсиррасон омода карда шудааст;

- дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия карда шудааст.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда муаллиф моҳирона равишҳои методологӣ ва такмили арзёбии пажуҳишро интихобу истифода намудааст ва он имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарду пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили усул ва роҳҳои муайн кардани арзёбӣ ва рейтингии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ рӯи кор оянд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷиро дар соҳаи назария ва амалияи арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи иҷтимою - иқтисодӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан усули бисёрченаи муқоисавӣ, тавозунӣ (балансӣ), гуруҳбандии таҳлилӣ (аналитикӣ), коррелиятсионӣ – регрессионӣ, коэффитсиенти хаттии пешравии мутлақ, коэффитсиенти мурабаи (квадратии) сохтории мутлақ, шохиси тавофут, коэффитсиенти интегралии тавофути сохтории Гатева, шохиси Салаӣ, низоми шохисӣ.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро асарҳои олимони ватанӣ, рус ва хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои назариявии такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ

ва таҳияи чораҳои батанзимдарории он ва мавқеи шуғли пурмаҳсул дар рушди иқтисоди миллиро ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот ҳамчунин маводҳо аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асарҳои илмии олимони классики назарияи иқтисодӣ, иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шуда, матолиби дар воситаҳои ахбори умум дарҷ гардида, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи шуғл ва бозори меҳнат вобаста буда, истифода шудааст.

Ҳангоми мутолиаи диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки муаллиф адабиётҳои илмии ба мавзуъи таҳқиқотӣ вобастаро дар сатҳи баланд мавриди истифода қарор додааст, инчунин мустақилона нишондиҳандаҳои омориро аз манбаъҳои иттилоотӣ бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо ва истифодаи онҳо

Бояд қайд намуд, ки диққати махсусро аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот талаб мекунад, зеро муқарраароти назариявӣ, натиҷаҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои дар диссертатсия дарҷ намудаи муаллифро барои такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва рушди бозори меҳнати миллӣ истифода намудан имконпазир аст.

Аҳамияти амалии рисолаи диссертатсионии Назарзода Н. Н. дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти такмил додани таҳлили иқтисодию назариявии ҳолати шуғли пурмаҳсул истифода бурда метавонад. Натиҷаҳои илмии бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар бахши макроиқтисодӣ мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди шуғли пурмаҳсул шомил карда шаванд, ки он ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои дар рисола овардашуда метавонанд дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои методии коркардшуда зимни таълими курсҳои махсуси лексионӣ, навиштани дастурҳои амалӣ дар мактабҳои олии таҳсилоти олӣ, ки иқтисодчиёни ояндаро тайёр менамоянд, метавонад истифода шаванд. Инчунин муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди курсҳои таълимии «Иқтисодиёти меҳнат», «Бозори меҳнат», «Омори бозори меҳнат» ва ғайра ба сифати мавод метавонад хизмат расонад.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Аз ҷониби муаллиф 11 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми 5,2 ҷ.ч., аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот ба тавсиб расонида шудаанд, аз он ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шуда мебошанд ва 5 мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои илмӣ – назариявии байналхалқӣ, ки иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсияро дар худ инъикос намудаанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои илмӣ – назариявии байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ» (Душанбе, 13-уми октябри соли 2020) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конфренсияи байналмилалии илмӣ - амалии онлайнӣ таҳти унвони "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: тамсилаҳои муосир ва самаранокии онҳо" 05 – 06 марти соли 2021 дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Автореферати диссертасия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя баровара

мешавад ҷой гирифтааст ва он ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯй мебошад.

## 8. Эродҳо ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия

Бояд қайд кард, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз як қатор масъалаҳои мубоҳисавӣ ва камбудиҳо ба назар мерасанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Агар дар кори диссертатсионӣ қиёспазирии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсули Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо дарҷ мегардид, он гоҳ сифати кори диссертатсионӣ боз ҳам мукаммал мегардид.

2. Дар матни диссертатсия доир ба истифодаи таҷрибаи дигар давлатҳо оид ба арзёбии рейтинги шуғли пурмаҳсул маълумот дарҷ нагардидааст.

3. Дар параграфи 2.3 ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳишёбии муҳоҷирати беруна таҳлил карда шудааст. Аз ин лиҳоз, барои беҳтарнамоии сифати рисолаи диссертатсионӣ хуб мешуд, ки муаллиф интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷиронро низ мавриди таҳлил қарор диҳад.

4. Ҳангоми азназаргузаронӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ нуқтаи назари баъзе муаллифон баён шуда, вале иқтибос аз дигар муаллифон оварда нашудааст.

5. Гарчанде рисолаи диссертатсионӣ бартариҳои зиёде дошта бошад ҳам он аз камбудиҳои ҷузъӣ, ғалатҳои имлоию техникӣ ва таҳрирӣ холӣ нест.

Дар маҷмуъ рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда эродҳое, ки дар он зикр шудаанд, аслан хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Наврузҷон Назарро коҳиш намедиҳанд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмӣ

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар забони илмии дастрас, мантиқан пай дар пай баён карда шуда хонанда онро бо шавқу ҳавас мехонад. Рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Такмили арзёбии шуғли

пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бешубҳа кори илмии ба анҷом расида ба шуморрафта, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнок дар рушди бозори меҳнати ҷумҳурро фаро гирифтааст, таҷассум мегардад.

Автореферати диссертасия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад ҷой гирифтаанд. Ҳамин тавр таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи зикр гардида, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат, барои ҳимоя пешниҳод шудааст, комилан ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад. Аз ин лиҳоз чунин мешуморам, ки муаллифи диссертатсия Назарзода Н. Н. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Муқаррази расмӣ н.и.и.,**
**дотсент, муовини декан оид ба**
**таълими факултети молия ва**
**баҳисобгирии бухгалтерии**
**МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Мӯминова Н.Р.**
тел.: (992) 92 851 68 32
почтаи электронӣ nigina.muminova.81@mail.ru

Имзои Мӯминова Н.Р-ро тасдиқ менамоям:
**Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ Донишкадаи иқтисод ва савдои**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд** **Маҳмудов Ш. У.**
___13___.___04___. **с. 2023**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
хиёбони Исмоили Сомонӣ 169, тел: (83422) 6-03-21
факс: (83422) 4-33-15, почтаи электронӣ info@iet.